# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ ба диссертатсияи Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ**

Комиссияи экспертӣ дар заминаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ оид ба диссертатсияи Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» дар ҳайати се нафар интихоб карда шуданд:

1. **Комилов Одина Комилович** – узви шуро, доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ, раиси комиссия;
2. **Саидраҳмонзода Сайидҷон Саидбурҳон** – узви шуро, номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ, аъзои комиссия;
3. **Зиёев Ҷаҳон Шафиевич** – номзади геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.34. Гидрогеология, аъзои комиссия.

Мавзуи диссертатсияи Ёқубзода Шокир Абулфайз актуалӣ буда, дар он омӯзиши зарурати омӯхтан ва таҳия намудани тавсифи умумӣ ва қонуниятҳои асосии тағйирёбии шароити табиии минтақаи таҳқиқшуда мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин мӯҳтавои диссертатсия хусусиятҳои паҳншавӣ ва инкишофи равандҳои геологии экзогенӣ, зуҳуроти сейсмикӣ бо мақсади арзёбии ҳамаҷонибаи минтақавии хатари равандҳо ва падидаҳои табииро дар минтақаҳои ҷойгиршавии иншооти нави гидротехникӣ дар водии рӯди Сурхоб фаро мегирад, ки дар навбати худ имкон медиҳад то ҳалли мушкилоти марбут ба таназзули замин, бад шудани ҳолати экосистема ва афзоиши некӯаҳволи аҳолиро тезонад.

Барои дар амал ҷорӣ намудани мақсадҳои дар пешгузошташуда ҳалливазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст.

- Татбиқи интихоби комплексӣ ҳангоми харитасозии равандҳои муҳандисию геологӣ ва ҳодисоти сейсмикӣ дар асоси маводи мавҷудаи умумӣ, наворҳои моҳвораӣ ва омӯзишҳои сатҳизаминӣ дар атрофи ҳудудҳои таҳқиқотӣ, аз қабили чаҳор мавзеъ (Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Лахш) – и водии рӯди Сурхоб дида баромада шудааст.
- Харитаҳои рақамӣ бо нишондоди минтақаҳои рушди равандҳои муҳандисию геологӣ тартиб дода шуданд, ки метавонанд дар зери таъсири сейсмикӣ (лағзиш, ярч, сел) фаъол ва ё зуҳур ёбанд ва ҳудуди худро аз рӯи дараҷаи дучоршавӣ ба чунин таъсирот арзёбӣ кунанд.
- Арзёбии шароитҳои муҳандисӣ-геологӣ ва тағйироти онҳо, ки таъсироти сеймикиро ба миён меоранд, барои муайян кардани категорияи

хавф дар азхудкунии муосир ва ояндабинии ҳудуд бо мавҷудияти сохторҳои гуногуни геологӣ ба роҳ монда шудааст.

- Коркарди тавсияҳо оид ба афзалияти чорабиниҳои таъхирнопазир оид ба коҳиш додани хатарҳои бевосита бо назардошти захираҳои мавҷуда нишон дода шудаанд.

**Навоварии илмии** натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷанбаи назариявӣ навоварии таҳқиқот таҳлили робитаи равандҳои ярчиро дар нишебиҳо бо таъсири сейсмикӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ дар асоси базаи муосири ГИС-и таҳиягардидаи минтақаи таҳқиқотӣ ташкил медиҳад.

Дар ҷанбаи методологии навоварии таҳқиқот бошад, усули истифодаи таҳлили стандартии эҳтимолии хатари сейсмикӣ бо истифода аз барномаҳои таъминоти махсуси CRISIS 2015 барои арзёбии эҳтимолияти зуҳурёбии равандҳои ярчӣ дар нишебиҳо дар назар дошта шудааст.

Нахустин маротиба натиҷаҳои баҳодиҳии хавфи сейсмикии ҳавзаи рӯди Сурхоб ҳамчун аз лиҳози сейсмикӣ фаъолтарин дар қаламрави Тоҷикистон бо истифода аз стандартҳои муосири ҷаҳонӣ, аз ҷумла арзёбии эҳтимолӣ, ки имкон дод, эҳтимолияти ҳодисаҳои ярч дар нишебиҳои ин мавзеъ таҳти таъсири сейсмикӣ баҳо дода шавад, ба даст оварда шуданд.

Бори аввал базаи мукаммали натиҷаҳои маводи харитасозии эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ярч бо таъсири сейсмикӣ, ки асосноккунии илмӣ-методӣ барои шароите, ки дастовардҳои максималиро дар ҳар як марҳилаи пешгӯии касбӣ таъмин менамоянд, таҳия карда шуд.

**Мавзуи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи тахассуси** илмӣ асоснок буда, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ мувофиқат мекунад:

12. Моделсозии физикӣ, математикӣ, аналогӣ (шабеҳӣ) ва дигар равандҳои геологӣ, геокриологӣ ва инженерию геологӣ, пешгӯии инкишоф дар вакт ва фазо, арзёбӣ ва идоракунии хавфу хатарҳои геологӣ.

16. Ноҳиябандии инженерӣ-геологӣ ва геокриологии ҳудудҳо, тартиб додани харитаҳои инженерию геологӣ, геокриологӣ ва асосноккунӣ барои таъиноти гуногун.

17. Системаҳои геоинформатсионӣ ва технологияҳои геоинформатсионӣ дар ҳалли вазифаҳои геологияи мӯҳандисӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ.

**Эътимоднокии натиҷаи диссертатсия.** Натиҷаҳои илмӣ-амалӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисолаи диссертатсионӣ оварда, пурра асоснок ва дақиқ карда шудаанд. Ҳамчунин дар сатҳи асосӣ бо назардошти дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани корҳои саҳроӣ ва таҷрибавӣ иҷро гардидаанд. Усулҳои таҳлилӣ ва оморӣ эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунад.

**Натиҷаҳои асосии** диссертатция бо намуди мақола дар конференсияҳои гуногуни байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шуданд: Маҷмуи асарҳои II - юми конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ "Нақши олимони ҷавон дар такмили илм, инноватсия ва технология. "Меловой латитовый вулканизм юго-восточного Памира: геохимия, геохронология и геодинамика". Ёкубов, Ш. А., Аминов, Д. В., Душанбе 2017с., с. 79-83; Составление ГИС базы данных для изучения риска стихийных бедствий в долине р.Сурхоб. Ёқубов Ш.А. Асарҳои Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АИ

ҶТ: 2020, № 3 С.74 – 81; О возможных опасных экзогенных геологических явлениях при сильных сейсмических воздействиях на территории Таджикистана. Ёкубов Ш.А., Муродкулов Ш.Я., Джурсизова М.Д. Асарҳои Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ, ш. Душанбе. 2021. С. 82-89; Тавсифи мухтасари фаъолноки сейсмикии ҳудуди Тоҷикистон. Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амали ”Проблемаҳои геология ва коркарди конҳои канданиҳои фоиданок ” бахшида ба “ Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)”(30 октябри 2024). С.141-150; Оид ба устувории муҳити табиӣ ба сарбории антропогенӣ дар шароити Тоҷикистон. Ғафуров Ф.Г., Ятимзода С.Б., Ёқубов Ш.А. Конфронси илмӣ-амалӣ дар мавзуи Масоили геологӣ: Дурнамо ва рушди он бахшида ба рӯзи геологҳо 9 декабри соли 2024, Данғара, -С.54-56.

Комиссия таҳқиқоти диссертатсиони унвонҷӯ Ёқубзода Шокир Абулфайзро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дод ва ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои асосии Стратегияву Барномаҳои давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои табиӣ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ пурра мутобиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 13 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, ташкил медиҳанд, 5 адади он дар дигар нашрияҳо ва маводи конференсияҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295) пурра ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ тавсия карда мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносиро баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Ёқубзода Ш.А. дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ дар заминаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотияшон ба ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ мувофиқат доранд ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Самарин Евгений Николаевич** – доктори илмҳои геология ва минералогия, профессори кафедраи геологияи инженерӣ ва экологияи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов.

– **Андамиён Раҷабалӣ Шамс** - номзади илмҳои геология ва минералогия, дотсенти кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муасисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” тавсия дода мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис 100 адад ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои техникӣ, профессор — Комилов О.К.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои геология ва минералогия — Саидраҳмонзода С.С.

номзади илмҳои геология ва минералогия,
дотсенти кафедраи геология ва иктишофи
конҳои канданиҳои фоиданоки ДМТ — Зиёев Ҷ.Ш.

**Имзоҳои** Комилов О.К., ва Зиёев Ҷ.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
E-mail: info@tnu.tj, телефон: (+992 37) 221-02-25; (+992 37) 227 15 10

**Имзои** Саидраҳмонзода С.С.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши кор бо кадрҳои Вазорати саноат ва
технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон — Абдураҳимзода Б.А.

Суроға: 734012, Ҷумхурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 37
E-mail: info@sanoat.tj, телефон: +(992) 37 221-52-59

28.01.2026сол.